**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳуқуқи маданӣ бебаҳс аст. Дар шароити рушди бесобиқаи бозори молу мулки ғайриманқул дар Тоҷикистон мубрам будани таҳқиқи масъалаҳои молу мулки ғайриманқул зиёд мегардад. Таҳқиқи мавзуи реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро такмили қонунгузорӣ дар ин самтро якчанд ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, ба монанди Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаи давлатии рушди соҳаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ намудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бо пешниҳоди нуктаҳои боътимоди илмӣ, маълумоти оморӣ ва як қатор мушкилоти амалӣ ва қонунгузорӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, мавзуи реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври пурра мавриди пажӯҳишу коркард қарор нагирифта, он аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар ин самт аст.

Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ аз соли 2020 ба таҳқиқи мавзуи молу мулки ғайриманқул оғоз намуда, дар соли 2021 нахустин мақолаҳои илмии унвонҷӯ дар ин самт ба нашр расидаанд. Дар давраи унвонҷӯӣ бо

истифодаи маводи илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқотро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Унвонҷӯ дар самти ҳуқуқи маданӣ дониши мукаммал дошта, қобилияти баланди таҳлили назарияи ҳуқуқи маданӣ ва шарҳу тавзеҳи муқарраротӣ қонунгузориро дорад, ки барои бо сифати баланд омода кардани диссертатсия мусоидат намудаанд.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд таҳия гардидани диссертатсия, таъмини самаранокии таҳқиқоти илмӣ ва пажӯҳиши ҳаматарафаи мавзуъ муаллиф чунин вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст:

– омӯзиши заминаҳои таърихии пайдоиш ва инкишофи реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул;

– таҳлили мафҳуми молу мулки ғайриманқул ва хусусиятҳои он дар заминаи қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ;

– муайян намудани маҳакҳои мансубияти объектҳо ба ашёи манқул ва ғайриманқул ва низоми молу мулки ғайриманқул;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон оид ба молу мулки ғайриманқул бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ;

– пажӯҳиши реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқули табиӣ (қитъаи замин, сарватҳои табиӣ, объектҳои об ва ғ.);

– баррасии масъалаҳои мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқули бо замин алоқаи мустаҳкамдошта, ба монанди бино ва иншоот, сохтмони худсарона, сохтмони нотамом ва дарахтони бисёрсола;

– таҳқиқи реҷаи ҳуқуқи мадании объектҳои ба молу мулки ғайриманқули баробар эътирофшуда, баррасии мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти татбиқи реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул ба киштиҳо ва объектҳои кайҳонӣ;

– гузарондани таҳқиқи реҷаи ҳуқуқии ашёи ғайриманқули дар оянда сохташаванда (бавуҷудоянда);

– асосноккунии назариявӣ ва амалии мушкилоти қонунгузорӣ оид ба молу мулки ғайриманқул ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории маданӣ.

Таҳлили пурраи диссертатсия шаҳодат аз он аст, ки максаду ҳадафҳои гузошташудаи муаллиф дар ду боб ва шаш зербоби диссертатсия пурра ба даст оварда шудаанд.

Дар раванди таҳияи диссертатсия унвонҷӯ ба таври фарох аз осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди О.У. Усмонов, В.А. Ойгензихт, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, Ш.Т. Тағойназаров, М.З. Раҳимзода, Ш.К. Ғаюрзода, Д.С. Раҳмон, И.Ҳ. Removeбоҷонзода, Д.Ш. Сангинов, Қ.Ш. Қурбонов, Ш.К. Каримзода, Ф.С. Сулаймонов, М.М. Соҳибзода, Н.Ш. Қурбонализода, А.Ш. Азимзода, Н.Р. Латифзода, М.Н. Мухамедова, С.Х. Наботов, И.З. Саъдиев, Е.А. Суханов, И.В. Аксюк, Е.С. Болтанова, Н.Ю. Чаплин, Т.В. Киселева, К.М. Илясова, С.А. Степанов, Е.Г. Семенова, А.В. Шеголева, О.Ю. Сквортсов, Р.С. Бевзенко, М.М. Гасанов, М.А. Собенина, М.В. Абрамова, Е.В. Резтсова ва дигарон истифода кардааст, ки он мукаммалии илмии таҳқикотро нишон медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ доир ба реҷаи ҳуқуқии мадании молу мулки ғайриманқул ва амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар соҳаи мазкур мебошад. Таҳқиқот бо истифода аз методҳои дахлдори таҳқиқи илмӣ ба баррасӣ ва ҳалли мушкилоти амалӣ ва қонунгузорӣ вобаста ба молу мулки ғайриманқул равона шуда, хусусияти маҷмуӣ дорад.

Унвонҷӯ дар раванди таҳлили паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот қонугузории маданӣ, замин ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти нотариалиро таҳлил карда, муқаррароти асосии онро бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ муқоиса намудааст.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсия мебошанд ва онҳо шаҳодати мавқеи

устувори унвонҷӯ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул мебошанд.

Хулосаҳо, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди такмили қонунгузории мадани ва замин, фаъолияти таълимӣ, татбиқи қонунгузорӣ, махсусан, дар самти қонунгузории бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти нотариалӣ истифода шуда метавонанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маводи илмии интишорнамудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Дар баробари ин, натиҷаҳои илмии таҳқиқот ҳангоми амалисозии барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии мамлакат метавонанд корбурд шаванд.

Саҳми шахсии довталабро дар таҳқиқоти илмӣ навгониҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшаванда, сабку услуби хоси илмӣ, номгӯйи интишороти унвонҷӯ, баромадҳо дар чорабиниҳои илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд. Аз ҷумла, унвонҷӯ дар 9 конференсияи илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ оид ба паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул иштирок ва баромад намудааст, ки ин нишонаи қобилияти баланди илмӣ-таҳлилии ӯ мебошад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра ба номи он мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқот ва мазмуни он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои он муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз мукаммалӣ ва фарохии доираи донишҳои назариявӣ ва амалии унвонҷӯ, қобилияти татбиқ намудани

донишҳои назариявӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мушаххас, малакаи касбию илмии ӯ барои мустақилона гузарондани таҳқиқот ва корҳои амалӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин замина, унвонҷӯ доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 1 монография, 12 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 3 маводи дигари илмӣ нашр намудааст. Теъдоди интишороти илмии унвонҷӯ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.

Дар робита ба асосҳои зикршуда, диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ буда, унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**дотсент, муовини якуми директори Маркази**
**миллии қонунгузории назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Соҳибзода М.М.**

**Имзои “Соҳибзода М.М.”-ро тасдиқ мекунам,**
**сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази**
**миллии қонунгузории назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Шукурова Г.М.**

22.08.2024

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе,
кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Телефон: (992 37) 227-47-71
Факс: (992 37) 227-63-64
Почтаи элe.: info@mmk.tj
Сомона: www.mmk.tj